# ПРОТОКОЛИ №68

## ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**19 апрели соли 2025** **ш. Душанбе**

**Иштирок доштанд:** аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, №15/шд (бо тағйиру иловаҳо аз 05 июли соли 2024, №225/шд) тасдиқ гардидааст, иштирок доранд 15 нафар, аз онҳо 5 нафарашон доктор аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд. Пешниҳод карда мешавад, ки ҷаласаи шуро кушода эълон шавад. Марҳамат, ягон пешниҳоди дигар ҳаст? Нест. Қарор қабул карда шуд, ки ҷаласаи шурои диссертатсионӣ кушода эълон шавад.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи ошкорои Иноятзода Афрӯза Ислом дар мавзуи «Баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда: масъалаҳои назария, танзими ҳуқуқӣ ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ.

**Роҳбарӣ илмӣ:**

– **Искандаров Зайниддин Ҳамидович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДТМ;

**Муқарризони расмӣ:**

– **Раҳмадҷонзода Рифат Раҳмадҷон** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм;

– **Завқизода Солеҳ Амин** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Директори маркази таълимии судяҳои назди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Муассисаи пешбар:**

– Муассисаи байнидавлатии таълимии таҳсилоти олии «Донишгоҳи славянии Россия – Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Кӣ ба рӯзномаи ҷаласа тарафдор аст, хоҳишмандем овоз диҳед. Муқобил – нест. Бетараф – нест. Ҳама тарафдор мебошанд.

**Раисикунанда:** Сухан ба котиби илмии Шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Мирзоев Қобилҷон Холмуродович доир ба пешниҳод намудани маълумотномаи мухтасар дар бораи унвонҷӯ дода мешавад.

**(Парвандаи унвонҷӯ № ____)**

**Раисикунанда:** Ба котиби илмии Шурои диссертатсионӣ Мирзоев Қобилҷон Холмуродович ягон савол ҳаст, доир ба ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ва маълумотномаи мухтасар дар бораи унвонҷӯ? Савол нест.

**Сухан ба унвонҷӯ оид ба ироа намудани муҳтавои асосии диссертатсия дода мешавад.**

Иноятзода Афрӯза Ислом – (баромад намуд).

**Раисикунанда:** Ба унвонҷӯ кӣ савол дорад? Марҳамат, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Муҳамадиев И.С., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Мирзамонзода Х.М.

Ба саволҳо ҷавоб дод.

**Раисикунанда:** Ба унвонҷӯ боз савол ҳаст? Савол нест.

– Сухан ба роҳбари илмии унвонҷӯ Искандаров Зайниддин Ҳамидович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДТМ дода мешавад (тақриз замима мегардад).

**Раисикунанда:** Сухан ба котиби илмии Шурои диссертатсионӣ Мирзоев Қобилҷон Холмуродович барои қироати хулосаи донишгоҳ (кафедра), тақризи муассисаи пешбар, тақризҳое, ки ба автореферати диссертатсия фиристода шудаанд, дода мешавад.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ қироат мекунад:

1. Хулосаи донишгоҳ (кафедра).
2. Тақризи муассисаи пешбар.
3. Тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридшуда.

**Раисикунанда:** Барои ҷавоб додан ба эродҳои тақризи муассисаи пешбар ва тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридгашта, сухан ба унвонҷӯ дода мешавад.

Иноятзода Афрӯза Ислом – (баромад кард).

– **Раисикунанда:** Сухан ба муқарризи расмии якум: **Раҳмадҷонзода Рифат Раҳмадҷон** – доктори илмҳои ҳукуқшиносӣ, муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм дода мешавад (тақриз замима мегардад).

**Раисикунанда:** Сухан ба унвонҷӯ барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмии аввал дода мешавад.

Иноятзода Афрӯза Ислом – (баромад кард).

– **Раисикунанда:** Сухан ба муқарризи расмии дуюм: **Завқизода Солеҳ Амин** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Директори маркази таълимии судяҳои назди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад (тақриз замима мегардад).

**Раисикунанда:** Сухан ба унвонҷӯ барои ҷавоб додан ба эродҳои муқаррризи расмии дуюм дода мешавад.

Иноятзода Афрӯза Ислом – (баромад кард).

**Раисикунанда:** Ба мубоҳиса мегузарем. Сухан ба мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда дода мешавад. Марҳамат профессорон – Раҳимзода Р.Ҳ., Муҳамадиев И.С., Мирзамонзода Х.М.

Ба ҳайси муқарризи ғайрирасмӣ ки хоҳиши баромад намуданро дорад?

**Марҳамат:** Қаҳоров Н.М. номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ.

**Раисикунанда:** Кӣ боз хоҳиши баромад намудан дар муҳокимаи диссертатсияро дорад? Хоҳишманд нест.

**Ба унвонҷӯ сухани хотимавӣ дода мешавад.**

Иноятзода Афрӯза Ислом – (баромад кард).

**Раисикунанда:** Ҳамин тариқ, муҳокимаи диссертатсия анҷом меёбад. Ба расмиёти овоздиҳии пинҳонӣ мегузарем. Барои гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ интихоби комиссияи ҳисоб зарур аст.

Ба ҳайати комиссияи ҳисоб аъзои зерини Шурои диссертатсионӣ интихоб шудаанд: докторони илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Аззизода У.А., Соибов З.М., Абдуҳамитов В.А.

Дигар пешниҳод нест? Нест. Кӣ чунин ҳайати комиссияро тарафдор аст, хоҳиш менамоям, овоз диҳед. Муқобил, бетараф – нест. Ҳама тарафдор аст.

Аз ҳайати комиссияи ҳисоб хоҳиш карда мешавад, ки фаъолияти хешро оғоз намоянд (овоздиҳии пинҳонӣ гузаронида мешавад).

**Раисикунанда:** Барои қироати натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, сухан ба раиси комиссияи ҳисоб, д.и.ҳ., профессор Абдуҳамитов В.А. дода мешавад.

Қироати суратмаҷлиси комиссияи ҳисоб.

**Раисикунанда:** Барои тасдиқи суратмаҷлиси комиссияи ҳисоб кӣ тарафдор аст, хоҳиш карда мешавад, ки овоз диҳед. Муқобил, бетараф – нест. Ҳама тарафдор.

Ба қабули матни хулоса оид ба диссертатсияи Иноятзода Афрӯза Ислом, ки ба аъзои Шурои диссертатсионӣ қаблан тақсим карда шудааст, мегузарем. Аз ҷониби аъзои Шурои диссертатсионӣ ягон эрод, пешниҳод ё илова ҷой дорад? Нест.

**Раисикунанда:** Кӣ ба хулосаи Шурои диссертатсионӣ тарафдор аст, марҳамат овоз диҳад. Муқобил, бетараф – нест. Қарор бо як овоз қабул шуд.

(Хулосаи Шурои диссертатсионӣ замима мегардад).

**Раисикунанда:** Иҷозат диҳед қарори Шурои диссертатсиониро оид ба ҳимояи диссертатсияи Иноятзода Афрӯза Ислом қироат намоям.

**ҚАРОРИ**
**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**аз 19 апрели соли 2025** **ш. Душанбе**

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 таҳқиқоти диссертатсионии Иноятзода Афрӯза Ислом дар мавзуи «Баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда: масъалаҳои назария, танзими ҳуқуқӣ ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ (роҳбари илмӣ: **Искандаров Зайниддин Ҳамидович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДТМ) пешниҳод шудааст, ҳамчунин, тақризи муассисаи пешбар, Муассисаи байнидавлатии таълимии таҳсилоти олии «Донишгоҳи славянии Россия – Тоҷикистон» (ш. Душанбе), тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: **Раҳмадҷонзода Рифат Раҳмадҷон** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм; **Завқизода Солеҳ Амин** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Директори маркази таълимии судяҳои назди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, баромади аъзоёни Шурои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: доктороні илмҳои ҳуқуқшиносӣ – Раҳимзода Р.Ҳ., Муҳамадиев И.С., Мирзамонзода Х.М., ва баромади муқарризони ғайрирасмӣ, Қаҳоров Н.М. номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ-ро шунида, мавриди муҳокима қарор дод.

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулоса, ки аз ҷониби шуро бобати саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, аҳаммиятнокии хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи Иноятзода Афрӯза Ислом, инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Иноятзода Афрӯза Ислом дар мавзуи «Баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда: масъалаҳои назария, танзими ҳуқуқӣ ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи пешбининамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ, аз ҷумла «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ мебошад.

2. Интишороти унвонҷӯ пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.

3. Ба Иноятзода Афрӯза Ислом дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост ба ҷо оварда шавад, ки қарори шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намуда, Иноятзода Афрӯза Исломро бо дипломи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ сарфароз гардонад.

Кӣ ба қарори мазкур тарафдор аст, хоҳишмандем овоз диҳед. Муқобил, бетараф – нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Мирзоев Қ.Х.**